# Иштирок дар маросими гузоштани санги асоси лоиҳаи беҳтарсозии низоми обтаъминкунӣ дар ноҳияи Ҷомии вилояти Хатлон

15 сентябри соли 2025 Сафири Фавқулода ва Мухтори Япония дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хонум ФУРУТА Кэйко дар маросими гузоштани санги асоси “Лоиҳаи беҳтарсозии низоми обтаъминкунӣ дар ноҳияи Ҷомии вилояти Хатлон”, ки аз ҷониби Агентии Ҷопон оид ба ҳамкории байналмилалӣ (JICA) амалӣ мегардад, иштирок намуд. Барои татбиқи лоиҳа 2 миллиарду 95 миллион иенаи ҷопонӣ (тақрибан 14 миллион доллари ИМА) ҷудо гардидааст.

Дар маросим аз ҷониби Ҷопон бо суханронӣ хонум ФУРУТА Кэйко, Сафири Япония дар Тоҷикистон ва ҷаноби ИМАЙ Сейдзю, Роҳбари намояндагии JICA дар Тоҷикистон баромад карданд. Аз ҷониби Тоҷикистон бошад, ҷаноби Амирхон КУРБОНЗОДА, муовини якуми раиси вилояти Хатлон ва ҷаноби Абдулазиз ДУСТИЗОДА, муовини якуми раиси Кумитаи КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ (КМК)» суханронӣ карданд. Пас аз он маросими гузоштани капсулаҳо, ки ҳуҷҷатҳои лоиҳавиро дар бар мегирифтанд, баргузор гардид.

Дар ин чорабинӣ намояндагони ширкатҳои ««Eight Japan Engineering Consulting» ва «Kitakyushu Water Services» ҳамчун машваратчӣ, инчунин ширкати сохтмонии «Dai Nippon Construction» ҳамчун пудратчӣ ҳузур доштанд.





Дар доираи ин лоиҳа дар панҷ маҳаллаи ноҳияи Ҷомӣ, ки то ҳол дастрасӣ ба об маҳдуд буд, тамоми хонаводаҳо, яъне тақрибан 50 ҳазор нафар, бо оби нӯшокии бехатар ва шабонарӯзӣ таъмин хоҳанд шуд. Ин кор тавассути кандани чоҳҳои амиқ ва насби зарфҳо дар болои биноҳо амалӣ мегардад. Ғайр аз ин, насби ҳисобкунакҳои об ва гузариш ба низоми пардохт мувофиқи ҳаҷми воқеии истеъмол ба коҳиши истифодаи исрофкоронаи захира мусоидат намуда, ба амалишавии ҳадафҳои рушди устувор кумак хоҳад кард.